**Ба шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-18-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзӯи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2025).**

Мубрамияти таҳқиқоти анҷомшудаи диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ – ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» ҷанбаҳои давлатдорӣ- ҳуқуқӣ, идораи одилона, ҳуқуқ ва адолат, ахлоқи ҳамидаи касбӣ ва оммавӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ ягон шубҳае надошта, метавонад дар омилҳои зерин хубтар аён гардад.

Чи тавре ки мавсуф аст, таҳқиқи хоси нуктаҳои назар ва диди замонӣ ба меъроси ғании ниёгон мебошад, ки ба ҷаҳонбинӣ ва тариқи бархурди муҳаққиқ нисбат ба воқеияти ҳаёти сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии мутафаккир хеле фарроху доманадор аст, ки шоистаи омӯзиш ва таҳқиқ мебошанд. Махсусан, осори Алии Ҳамадонӣ фарогири андешаҳои хос доир ба давлат, сиёсат, идораи одилона, ҳуқуқ ва адолат, ахлоқи ҳамидаи касбӣ ва оммавӣ, оила ва покии он, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзои оила, эҳтироми волидон, никоҳ ва толоқ, тақсими мерос, вазъи ҳуқуқии раъият, муносибатҳои молӣ, рафтори қонунӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва амсоли инҳо мебошанд, ки бояд мавриди омӯзиш қарор бигиранд.

Дар хусуси омӯзиши фарҳанги ҳуқуқӣ, ки қисмате аз фарҳанги миллии халқи тоҷик мебошад, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ,

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки «Тоҷикон, ки дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи худ бисёр давраҳои печидаву мушкилро пушти сар кардаанд, дар ҳама давру замонҳо аз таҳаммулгароӣ ва маслиҳату муколама кор гирифта, борҳо собит сохтаанд, ки бо роҳи зӯрӣ ҳал кардани мушкилоту низоъҳо ва бо ҳам муқобил гузоштани ҷаҳонбиниву ақидаҳои мухталиф метавонад на танҳо сабабгори фасоди ахлоқ ва халалдор гардидани фарҳангу тамаддунҳо, балки шикасти давлатҳо низ гардад. Дар даврони муосир низ Тоҷикистон бо такя ба афкор ва таҷрибаи таърихии ниёгони худ раванди гуфтугӯи тамаддунҳоро ҳамеша ҷонибдорӣ менамояд ».

Дар шароити имрӯза, ки равияҳои тундгаро ва низоъҳои диниву мазҳабӣ дар баъзе кишварҳо торафт вусъат гирифта истодаанд, аз нав омӯхтан ва таблиғ кардани осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ниҳоят зарур мебошад. Зеро вай дар асарҳои худ ақидаҳои таҳаммулгароӣ ва футувватро таблиғ намуда,зиёдаравиро дар ислом маҳкум кардааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки донандаи хуби низоми сиёсию ҳуқуқӣ ва маданию иҷтимоии замони худ буд, дар доираи як низоми илмӣ се илми амалии даврони худ –ҳуқуқ, ахлоқ ва сиёсатро бо ҳам муттаҳид сохта, дар доираи он тамоми масъалаҳои мубрами ҳаёти воқеии даврро мавриди таҳлил қарор додааст. Омилҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва таълимоти мутафаккир дар хусуси низоми сиёсию давлатӣ ва институтҳои давлатдорӣ, ҳуқуқу ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити ниҳоят барои халқи тоҷику форс мураккаб, ки давраи ҳукмронии муғулу темуриён рост омадааст.

Тарбияи сиёсии ҷавонон ва нақши тарбия дар идоракунии давлатӣ дар ҳама даври замон яке аз масъалаҳои мубрами илми давлатию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дониста мешуд.

Мутафаккир ба рушду такомули шуури ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, фаҳмишу (идроки) ҳуқуқӣ, инчунин поён овардани шиддати «нодонии ҳуқуқӣ» (нигилизми ҳуқуқӣ)-и аъзоёни ҷамъият диққати ҷиддӣ зоҳир

намудааст. Бо истифода аз фазилатҳои ахлоқӣ ба хотири оромии ҷомеа ва таъмини амнияти шахсӣ Алии Ҳамадонӣ раиятро дар такя ба ҳадисҳо ба «фурутанӣ», дур шудан аз «кибр»-у «такаббур», «ғурур», «фахр»-и беҷой ва ғайра, ки инҳо ба ваҳдат ва ягонагии уммат таъсири манфӣ гузошта, раиятро дар муқобили якдигар ва шикасту фалаҷии низоми қонунӣ мебаранд, даъват менамояд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз самтҳои асосии идеологияи замони худро дар инсонпарварӣ, авфи гуноҳони якдигарӣ ва бахшояндагӣ мебинад. Ба хотири амнияти саросарии ҷомеа ва пирӯзии адолати судӣ, роҳбарони давлат, мансабдорон, шахсиятҳои алоҳида ва сохторҳо, институтҳои дахлдорро бе гузашти гуноҳҳои якдигарӣ даъват менамояд. Мутафаккир ахлокро пояи қонун дар ҷомеа медонист.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз эътироф бояд кард, ки таҳқиқи таъриху фарҳанги миллӣ, хосатан, осори орифону донишмандони миллати тоҷик аҳаммияти бузурги илмию амалиро касб намудааст. Ҳамин тавр, ҳамаи гуфтаҳои боло бори дигар мубрамияти масъалаи таҳқиқшавандаро ифода мекунанд.

Саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳоде, ки муаллиф дар таҳқиқот ифода ёфтаанд, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуқтаҳои илмии таҳқиқот ба таҳқиқи назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илми таҳқиқоти гузаронида шуда дар он аст, ки ақидаҳои давлатӣ –ҳуқуқиро муаллиф бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ, тағйирёбии унсурҳои моддиву маънавию арзишҳои миллӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ падидаи мазкурро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашидааст.

Доир ба мавзӯи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Доир ба автореферати диссертатсия эроди зеринро пешниҳод менамоем:

1. Муаллифи диссертатсия дар банди дуюми хулосаҳои аз натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бадаст омада қайд менамояд, ки дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ақидаҳо дар бораи тарбияи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии инсон бо дарназардошти меъёру арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва иҷтимоию ҳуқуқӣ ҷойи асосиро ишғол мекунанд. Инъикоси бевоситаи ин меъёрҳоро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи хизматчиёни давлатӣ оид ба риояи ҳатмии меъёрҳои одоби хизмати давлатӣ, қабули кодексҳои одоб дар мақомоти судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мисоли ин гуфтаҳост. Албатта чунин баҳои умумии татбиқи дастовардҳои фарҳанги миллӣ дар шароити кунунии рушди ҷомеа боиси дастгирист. Вале хуб мебуд, агар муаллиф дар асоси таълифоти муаллиф мушаххас қайд менамуд, кадом ақидаҳои мутафаккир ва бо кадом усул дар ин санадҳо ҷой дода шудаанд, ва ё мушаххас ба кадом андешаҳои Алии Ҳамадонӣ мувофиқат менамоянд.

2. Муҳаққиқ дар саҳифаи 27 автореферати диссертатсия қайд мекунад, ки Алии Ҳамадонӣ ба масъалаҳои ҳуқуқии замони худ рӯ оварда, дар доираи як низоми илмӣ се илми амалии даврони худ – ҳуқуқ (фиқҳ), ахлоқ ва сиёсатро бо ҳам муттаҳид сохта, дар доираи он тамоми масъалаҳоеро, ки хусусияти ҳуқуқӣ доранд, мавриди таҳлил қарор додааст. Мутафаккир талаботи ҳаёти воқеиро сарчашма ва асоси пайдоиши ҳуқуқ медонист. Вале аз матни автореферати диссертатсия маълум нест, ки мавқеи одатҳои ҳуқуқӣ ва умуман, одатҳо дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар замони зиндагии мутафаккир чӣ гуна буд ва андешаи Алии Ҳамадонӣ нисбати ин гурӯҳи васеи меъёрҳои иҷтимоӣ чӣ гуна буд. Хуб мебуд муҳаққиқ андешаҳои худро, ки аз таҳқиқи осори мутафаккир ба даст овардааст, нисбати ҳолати мазкур баён мекарданд.

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи диссертатсионии анҷомдодашударо коҳиш намедиҳад, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзӯи «Ақидаҳои давлатӣ – ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарриз:**
Дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва
идораи давлатии Донишгоҳи давлатии
Данғара номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қодирзода С.М.

**Имзои Қодирзода С.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.
« 29 » август 2025 с.

**Суроғаи муқарриз:**
735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25.
**Тел:** 8-33-12-2-28-06
**Факс:** 73-53-20
**Email:** E- mail:dddangara_20013@ru